**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна таҳти унвони «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Муминова Сафарбегим Баҳриевна таҳти унвони «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон», ки зери роҳбарии забоншиноси номии тоҷик, профессор Исмоилов Шамсулло ба анҷом расидааст, аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ роҷеъ ба вожаҳои лаҳҷаи тоҷикзабонони деҳоти водии Вахон ба ҳисоб хоҳад рафт.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқ тасвири синхронии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон, ҳамчунин нишон додани умумияти лексикаи лаҳҷаи мазкур бо забони адабии ҳозираи тоҷик ва ба қайд гирифтани аломатҳои хоси лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон дар қиёс бо забони адабӣ ва дигар лаҳҷаҳои ҳамсоя муаррифӣ мегардад, ки аз нигоҳи зарурати илмию моҳияти амалии худ як пажуҳиши зарурӣ буда, арзиши бесобиқаро дорад.

Мавриди таҳлил қарор додани бобу фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия касро ба хулосае меоварад, ки диссертант саъй намудааст, то тамоми паҳлуҳои масъалаи баррасишавандаро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро ба муомилоти илмӣ ворид созад.

Тавре ки дар автореферат зикр гардидааст, диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯи ихтисораҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар қисмати муқаддима муаллиф оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуи пажуҳиш, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар қисмати тавсифоти он роҷеъ ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти пажуҳиш, асосҳои назариву методологии таҳқиқ, сарчашмаву навгонии таҳқиқ, нукоти ба ҳамоя

пешниҳодшаванда ва аҳамияти назариву амалии таҳқиқ бо риояи низоми муқарраршуда маълумот додааст.

Маводи асосии лексикаи лаҳҷаи тоҷикони Вахонро муаллиф бевосита аз нутқи аҳолии синну соли гуногуни деҳоти Ямғ, Нижгар, Удит, Чилтоқ сабт намуда, ба система даровардааст.

Боби якуми диссертатсия **«Таркиби луғавии лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон»** (автореферат, с.13-16), боби дуюм **«Таснифоти маъноиву мавзуии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон»** (автореферат, с.16-18) ва боби сеюм **«Калимаҳои иқтибосӣ дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон»** (с.18-20) ном дошта, дар фаслҳои мухталифи чунин бобҳо диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки: маводи лаҳҷаи тоҷикии водии Вахонро гуруҳбандӣ намуда, хусусиятҳои таркиби луғавии лаҳҷаи мазкурро баррасӣ кунад; вижагиҳои талаффузӣ ва семантикии вожаҳои умумитоҷикии лаҳҷаи мазкурро нишон диҳад; навъҳои диалектизмҳои лексикиро аз нигоҳи интишор (диалектизмҳои пурра ва нопурра, мухолиф ва ғайримухолиф) дақиқ намояд; манбаъҳои асосии ташаккул ва таҳаввули маъноии диалектизмҳоро ба қайд гирад; муносибати лексикии ин лаҳҷаро бо лаҳҷаҳои дигари шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ муайян намояд; ҷойгоҳи лаҳҷаи тоҷикии водии Вахонро дар низоми умумии диалектологии забони тоҷикӣ аниқ намояд; унсурҳои иқтибосиро ҷудо намуда, таҳлилӣ семантикӣ-маъноӣ ба роҳ монад; нақши воситаҳои калимасозро дар ташаккули унсурҳои лаҳҷавӣ ба доираи таҳқиқ дароварад; нақши лаҳҷаҳои тоҷикии водии Вахонро дар нигоҳдории калимаҳо ва таъбирҳои нодири забони адабии форсии дарӣ (осори классикӣ) муайян созад; гурӯҳҳои луғавӣ-семантикии вожагонро таҳлили лексикологӣ ва грамматикӣ намуда, хусусиятҳои диалектологии онҳоро нишон диҳад; мавқеи сермаъноӣ, синонимия, антонимия ва омонимияро дар инкишофи низоми услубии лаҳҷа муайян намояд.

Муаллиф дар хулосаи умумии диссертатсия андешаҳои худро доир ба дараҷаи ҳалли мавзуъ дар сездаҳ банд ҷамъбаст намудааст, ки мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Мақолаҳои батафсиласидаи муаллиф, ки 4 адади он марбут бар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ва 6-тои дигар мансуб бар маҷмуаҳои конфронсҳову гузоришҳои илмӣ мебошанд, пурра муҳтавои мавзуъ ва мундариҷаи кор мебошанд.

Дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи мазкур арзишманду назаррасанд ва диссертант ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Диссертатсияи Муминова С. Б. дар мавзуи «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши илмиву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси**
**Забоншиносӣ, муаллими калони кафедраи**
**назария ва методикаи таълими забони модарии**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров» __________ Алишерзода Фарзона**

**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хуҷанд, микроноҳияи 8, бинои 29.**
E-mail: alisherzoda91@mail.ru
Тел.: 92-719-17-12

**“Имзои Алишерзода Фарзонаро тасдиқ менамоям”:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ“и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” __________**
**Наврӯзов Э. М.**

**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Мавлонбеков, 1**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**

15-уми сентябри соли 2023.